# ҚАРОРИ

## Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

**аз 12.09.2023** **ш. Душанбе**

Гузориши Каримов Самариддин Раҳматуллоевич дар мавзуи «Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, тақризи муассисаи пешбар, гузориши муқарризони расмӣ – Гадоев Нурхон - доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Назаров Меҳрубон Ниёзмамадович – номзади илми филология, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав, муқарризони ғайрирасмӣ, докторҳои илм Назарзода С., Раҳматуллозода С., Султон Ҳасан Баротзода ва Давлатбеков Лолоро шунида, баррасӣ карда, Шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Каримов Самариддин Раҳматуллоевич

### ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Каримов Самариддин Раҳматуллоевич дар мавзуи «Таҳлили лингвокултурологии лексикаи ҷавоҳирот ва сангҳои қиматбаҳо дар асоси осори хаттии забони адабии тоҷикии асрҳои X-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба талаботи бандҳои 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Маводи илмии чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Каримов Самариддин Раҳматуллоевич дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дода шавад.
4. Барои додани дипломи номзади илми филология ба Каримов Самариддин Раҳматуллоевич аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори Шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.
Тарафдор – 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.
Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Шарифзода Ф.
Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.

12.09.2023